# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Журналистика**

Автореферати диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол, ки дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳқиқ шудааст, аз рӯи масъалагузорӣ, таҳлилу ташхис, моҳият ва хулосабарории илмӣ мавзӯи мубраму муҳимми илми публитсистика буда, ташаккули жанрҳои публитсистикаи тоҷикро дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» муайян намудааст.

Дар автореферати диссертатсия, умуман, шаклгирии унсурҳои жанрии публитсистика дар матбуоти тоҷик таҳқиқ шуда, дар раванди пажӯҳиш масъалаҳои марбути замон, омилҳои сиёсию фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва адабии ибтидои қарни ХХ мавриди таҳлили қиёсӣ қарор гирифтааст. Аз миёни воқеаву рӯйдод ва равандҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию маънавии вақт омилҳои асосии пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷустуҷӯ гардида, ҳамзамон муассисон, муаллифон, чопи рӯзнома, унсурҳои жанрӣ, махсусиятҳои шаклию сохтории ҷарида, мундариҷаи нашрия, аносири жанрҳои публитсистӣ, ташаккули унсурҳои жанрӣ, шакли муайян гирифтани қолабҳои эҷоди журналистӣ, хусусиятҳои эҷодӣ ва дигар вижагиҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳқиқи амиқи диссертатсионӣ гардидааст.

Мавзӯи таҳқиқшуда дар замоне, ки «асри иттилоот» бо суръати кайҳонӣ идома дорад яке аз таҳқиқотҳои муассир мебошад, зеро муайян намудани ташаккули жанрҳои матбуот, унсурҳои эҷоди публитсистӣ, шинохти қолабҳои нигориши журналистӣ яке аз асоситарин талабот барои ҳар як нигоранда ва публитсист мебошад. Диссертатсияи мазкур бо таҳқиқоти амиқи илмӣ моро ба таърихи матбуоти тоҷик ва ташккули жанрҳои публитсистии тоҷик шинос менамояд.

Автореферат нишон медиҳад, ки диссертатсияи мавриди муҳокима аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ, ҳадафу вазифаҳои таҳқик, манобеи аслии пажӯҳиш, навовариҳои илмӣ, қимати амалию назариявии диссертатсия ва асоситарин масъалаҳоеро, ки барои дифоъ пешниҳод гардидаанд, муайян шуда, масъалаҳои мазкур дар такя ба сарчашмаҳои илмию адабӣ асоснок гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия - «Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» аз се фасл таркиб ёфтааст.

Фасли аввал «Андешаҳо доир ба заминаҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ном дошта, мавқеи муҳаққиқони дохилу хориҷро вобаста ба нашри рӯзнома ва масъалаҳои марбут ба таъриху фарҳанг ва сиёсату маънавиёти замонро, ки ба нашри «Бухорои шариф» алоқаманд мебошанд дар бар мегирад.

Фасли дуюм - «Таъсиси «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» масъалаҳои тадорукотии нашри рӯзнома, чопи нашрия, муаллифон, рӯҳияи эҷодии ҷарида, хусусиятҳои қолабии нашрия, ороиш, банду баст ва қолаби «Бухорои шариф»-ро муайян намудааст.

Фасли сеюми боби аввал, ки «Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома»-ро таҳқиқ намудааст, сабабҳои қатъ гардидани нашри «Бухорои шариф» аз дидгоҳи мухталиф, шумораҳо, моҳият ва муҳтавои маводи нашрия, мактаби эҷодии рӯзнома ва таъсири навгароӣ бар афкори ҷомеаи мадании Аморати Бухороро баррасӣ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Фасли якуми боби дуюм - «Усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар рӯзнома» матни иттилоотии нахустрӯзнома, хабарҳои тарҷумашуда аз сарчашмаҳои иттилоотии хориҷӣ, қолаби муайяни иттилоотӣ гирифтани матнҳои муаллифони худӣ ва ниҳоятан ташаккули жанрҳои хабарӣ аз қабили хабару гузоришро нишон дода, унсурҳои жанрии мусоҳибаро низ дар рӯзнома ҷустуҷӯ ва муайян намудааст.

Дар фасли дуюми боб - «Раванди шаклгирии жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома» мутобиқати афкори навгарои рӯзнома ба қолаби нигоришоти таҳлилӣ, махсусан мухбирнома, мақола ва мактуб бозтоб ёфта, мушаххасан ташаккули жанрҳои мақола ва мактуб дар рӯзнома муайн шудааст. Ҳамчунин унсурҳои эҷодии мухбирнома дар раванди пажӯҳиш муайян гардидааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм, ки «Аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ дар «Бухорои шариф» ном дорад, ҷараёни зуҳури аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ таҳқиқ гардида, ин оилаи жанрҳои публитсистӣ дар қолаби ибора ва ташбеҳоти бадеӣ, лавҳа, фелетон, тарҷумаҳои осори адабӣ ва ашъори дорои хусусияти иҷтимоӣ нишондод гардидаанд.

Хулосаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки Атоев Муҳаммадиқбол барои ба натиҷаи мушаххасу муайяни илмӣ ноил шудан ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, сиёсию иқтисодӣ ва адабию маънавии ибтидои асри XX-ро таҳлил намуда, воқеаҳоро ташхису қиёс карда, мантиқи илмиро низ ба кор бурдааст. Инчунин методҳои гнесиологӣ, таърихӣ ва шарҳи илмию оморӣ дар раванди таълифи диссертатсия ба кор рафтааст.

Ҳамзамон, таъкид бояд кард, ки дар баробари муваффақиятҳои илмӣ, автореферати диссертатсия аз ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ орӣ нест, ки албатта арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович таҳқиқоти илмии анҷомёфта аст, ки ташаккули жанрҳои публитсистикаи тоҷикро дар саҳифаҳои нахустин нашрияи тоҷикӣ - «Бухорои шариф» мушаххас карда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Журналистика мувофиқ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**сармуаллимаи кафедраи журналистика**
**ва назарияи тарҷумаи МДТ**
**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** Бобоҷонова Мутриба Султоновна
(+992) 92 952-30-09
E-mail: mbobojonova1987@mail.ru

**Имзои Бобоҷонова Мутриба**
**Султоновнаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ “ДДХ ба номи**
**академик Б. Ғафуров”** Ашрапова Заррина Негматҷоновна

**Суроға:**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**e-mail: hgu @mail.ru.tj**
**www.hgu.tj**
**тел: (+992) 8342264715**